Бо қарори Шурои методии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазоратимаориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон» аз «____»______ с.2025, №____ тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ РАЁСАТИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ (ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ, МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ ВА БАЪДИДИПЛОМӢ)

**Душанбе 2025**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Раёсати таҳсилоти касбии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Раёсат) дар асоси Оинномаи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф, назорату такмили мазмуну мундариҷаи таълим, расонидани ёрии амалии таълимию методӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, татбиқи методу усулҳои нави таълим дар раванди таълиму тарбия ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва сатҳи донишандӯзии донишҷӯён, назорати амалишавии стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаву барномаҳои таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, таъсис дода шудааст.

1.2. Раёсат фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Марказ, амру фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

1.3. Раёсат ёрии амалии таълимию методиро дар самти такмили мазмуну мундариҷаи таълим, татбиқи усулҳои фаъоли таълим, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таълимие, ки аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ таъсис ёфтаанд, муассисаҳои таълимии вазорату кумитаҳо, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, амалӣ мегардонад.

## 2. Вазифаҳо ва самтҳои Раёсат

Заминаи таълимию методии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.8. Мураттаб ва паҳн намудани тавсияҳои методӣ, адабиёти педагогӣ ва дигар аёнияту дастурҳои таълимию методӣ дар самти фаъолияти таълимию методии муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ.

2.9. Мутобиқ ва ҳамоҳангсозии корҳои таълимию методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ сарфи назар аз шакли ташкилию

ҳуқуқӣ.

2.10. Омӯзиш, назорат ва санҷиши фаъолияти Шурои илмӣ-методӣ ва кафедраҳои методикаи таълими муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ ва расонидани кӯмаки методӣ дар ташкили ҷараёни таълиму тарбия.

2.11. Таҳия ва ба чоп омода намудани дастурҳои таълимию методӣ, барнома ва воситаҳои айёнӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ.

2.12. Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ омода намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастурҳои таълимию методӣ.

2.13. Ширкат варзидан дар санҷишҳои комплексӣ, аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, кормандони педагогӣ дар якҷоягӣ бо кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он.

2.14. Таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ.

2.15. Ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма дар самти тарғиби корҳои илмӣ, таълимию методӣ ва тарбиявӣ.

2.16. Кӯмаки методӣ дар амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаи маориф ва ҷорӣ намудани таълими инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ.

2.17. Расонидани кумаки методӣ дар таҳияи нақшаи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият.

2.18. Тақвият ва такмил додани таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия.

2.19. Ба роҳ мондани хизматрасониҳои пулакӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ дар самти расонидани ёрии таълимию методӣ, таҳияи нақша ва барномаҳои таҳсилотӣ ва ғайра тибқи моддаи 58-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пулакӣ”.

2.20. Ҳамоҳанг намудани корҳои методии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият.

2.21. Омӯзиш ва расонидани ёрии амалӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар самти ҷорӣ намудани шаклҳои нави таълиму тарбия.

2.22. Такмили мазмуну мундариҷаи таълим бо истифода аз методу усулҳои фаъол ва технологияи инноватсионӣ.

2.23. Назорати рафти татбиқи нақшаю барномаҳои таҳсилотӣ дар зинаҳои таҳсилоти касбӣ ва расонидани кӯмаки методӣ дар ин самт.

2.24. Омӯзиш ва расонидани ёрии методӣ ба Шурои илмӣ-методӣ ва кафедраҳои методикаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ, ташкили ҷараёни таълиму тарбия ва тайёр намудани дастурҳои таълимӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои таълимию методӣ.

2.25. Нашри китобу дастур, барнома, воситаҳои таълимӣ ва маводи таълимию тарбиявӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ.

2.26. Омӯзиши вазъи гурӯҳи назорати сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо.

2.27. Тартиб додани нақшаи кутоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати омӯзиши фаъолияти Шурои илмӣ-методӣ, кафедраҳои методикаи таълим ва нақшаи дурнамои рушди корҳои методӣ.

2.28. Расонидани ёрии методӣ ба фаъолияти Шурои илмӣ-методӣ, кафедраҳои методикаи таълим ва пешниҳоди маводи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти омӯзиши фаъолияти Шурои илмӣ-методӣ, кафедраҳои методикаи таълим.

2.29. Омӯзиш ва амалӣ кардани дастовардҳои педагогикаи муосир методикаи таълими фанҳо, ки маҳсуб ба инноватсия, технологияи педагогӣ, Шурои илмӣ-методӣ ва кафедраҳои методикаи таълим мебошанд.

2.30. Ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маълумоти таҳлили оид ба вазъи корҳои таълимию методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ.

2.31. Сари вақт ҷавоб гардонидан ба барномаҳои давлатӣ

## 3. Ҳуқуқҳои Раёсат

3.1. Сохтор ва басти воҳидҳои кории Раёсати таҳсилоти касбӣ аз тарафи роҳбарияти Марказ тасдиқ карда мешавад.

3.2. Сардори раёсат, сармутахассис ва мутахассисони раёсатро директори Марказ аз ҳисоби шахсоне, ки дорои унвони илмӣ ва ё собиқаи кории на камтар аз 5-солаи педагогӣ мебошанд (ба истисноӣ мутахассисони ҷавон), ба кор таъйин ва аз кор озод менамояд.

3.3. Таъмини иштироки фаъолонаи кормандони раёсат дар барномаву чорабиниҳои сатҳи Марказ.

3.4 Интизоми меҳнатро дар байни кормандони раёсат зери назорат қарор медиҳад.

## 4.Ташкили фаъолияти Раёсат

4.1. Раёсати таҳсилоти касбии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ ҷузъи сохтории Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф, назорату такмили мазмуну мундариҷаи таълим, расонидани ёрии амалии таълимию методӣ ба муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, тадбиқи методу усулҳои нави таълим дар раванди таълиму тарбия ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, назорати амалишавии Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва тақвият додани ёрии амалии таълимию методӣ дар муасиссисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ташкил карда шудааст.

4.2. Раёсат дар самти фаъолияти худ дар татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф, назорату такмили мазмуну мундариҷаи таълим, расонидани ёрии амалии таълимию методӣ ба муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, тадбиқи методу усулҳои нави таълим дар раванди таълиму тарбия ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва сатҳи дониши хонандагону донишҷӯён, назорати амалишавии Стандарти давлатии таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва тақвият додани ёрии амалии таълимию методӣ дар муасиссисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди директори Марказ ҳисоботдиҳанда мебошад.

4.3 Раёсат фаъолияташро дар робитаю ҳамкорӣ бо роҳбарияти Марказ, раёсату шуъбаҳои дастгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ ба роҳ мемонад.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

5.1 Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба низомномаи мазкур мазкур бо қарори Шурои методии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон» сурат мегирад.

5.2 Азнавташкилидиҳӣ ва барҳамдиҳии раёсат дар асоси Оиномаи «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон» сурат мегирад.сурат мегирад.